Замимаи 1
ба фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «06» январи соли 2019, №05

ДАСТУРАМАЛ
дар бораи тартиби гузаронидани бақайдгирии
пурраи маъюбон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ

## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон“ аз 29 декабри соли 2010, № 675 ба салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии маъюбон ташкили махзани марказонидашудаи иттилооти баҳисобгирии маъюбон дохил мебошад. Бо ин мақсад дар асоси дастуру супоришҳое, ки аз паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2019 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бармеоянд, ҷиҳати иҷрои банди 14 протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №12 аз 15 январ то 30 апрели соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бақайдгирии пурраи шахсони маъюб аз рӯи намунаи варақаи муқарраргардидаи бақайдгирии шахси маъюб гузаронида мешавад.

2. Тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр ва фармоиши дахлдори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба маъракаи бақайдгирии пурраи маъюбон Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ, раёсату шӯъбаҳои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (РАСИН), Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва гурӯҳи ҳамоҳангсоз ва техникии лоиҳаи “Таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоӣ”-и назди агентӣ, раёсатҳои тандурустии ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе, муассисаҳои давлатии "Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ" ва "Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ", шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, инчунин дар мувофиқа мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, идораҳои коммуналию манзилӣ ва кумитаҳои маҳаллӣ ҷалб карда мешаванд.

3. Бо мақсади таҳия ва коркардаи масъалаҳои методологию ташкилии марбут ба бақайдгирии пурраи маъюбон, саривақт анҷом додани маъракаи бақайдгирӣ, таҳияи технологияи ҷаъоварии маълумотҳо, коркарди маълумотҳои бадастовардашуда ва ҷамъбасти натиҷаҳои чорабинии мазкур се гурӯҳи корию техникӣ таъсис дода мешавад:

- Гурӯҳи таҳлилию техникӣ оид ба ташаккул додани махзани электронии иттилоотии маъюбон дар назди Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ;

- Гурӯҳи техникӣ оид ба воридсозии маълумотҳои варақаҳои бақайдгирии шахсони маъюб ба махзани ягонаи электронии маъюбон дар назди Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- Гурӯҳи (комиссияи) барӯйхатгирӣ, ҷамъоварии маълумотҳои маъюбон, пур кардани варақаҳои бақайдгирии шахсони маъюб дар назди Марказҳои саломатии шаҳрию ноҳиявӣ.

5. Бо мақсади ҳамоҳангии фаъолияти гуруҳҳои мазкур ва назорати дурустии раванди бақайдгирии пурраи маъюбон дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ситоди доимоамалкунандаи ҷумҳуриявӣ, дар сатҳи вилоятҳо – ситоди вилоятӣ ва дар сатҳи маҳаллӣ – ситодҳои шаҳрӣ/ноҳиявии марказҳои саломатӣ ташкил карда мешаванд. Ба ҳайати ситодҳои мазкур намояндагони муассисаҳои марбутаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот бояд шомил карда шаванд.

6. Мақсади асосии гузаронидани бақайдгирии пурраи маъюбон – ин таъсис додани махзани ягонаи электронии иттилоотӣ оид ба маъюбон бо роҳи баҳисобгирии пурраи маъюбон, ҷамъоварии маълумотҳои (нишондодҳои) демографию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нисбати маъюбон ва таъмини дастраси шахсони маъюб ба хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ дар кишвар мебошад.

## 2. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ БАҚАЙДГИРИИ ПУРРАИ МАЪЮБОН

## ВАЗИФАҲОИ ГУРӮҲҲОИ КОРИИ ТЕХНИКӢ

7. Комиссияи шаҳрию ноҳиявӣ (ё гурӯҳи кории техникӣ) оид ба пур кардани варақаҳои бақайдгирии шахсони маъюб дар назди Марказҳои саломатӣ таъсис дода шуда, онро менеҷери КАТС роҳбарӣ менамояд ва ба Комиссияи вилоятӣ ҳисоботдиҳанда мебошад. Комиссияи мазкур аз ҳисоби табибон, аз ҷумла табибони оилавӣ, ҳамшираҳои тиббӣ, мутахассисони омори маркази саломатии шаҳр/ноҳия, марказҳои (бунгоҳҳои) саломатии деҳот ва раисони маҳаллаҳо ё намояндагони масъули идораҳои коммуналию манзилӣ ташкил карда мешаванд. Вазифаҳои комиссия аз инҳо иборатанд:

- ташкил намудани гурӯҳи сенафараи техникии пур кардани варақаҳои бақайдгирии маъюбон ва ба онҳо фаҳмондаву омӯзонидани тартиби пур кардани саволномаҳои варақаи бақайдгирӣ;

- ба таври расмӣ аз раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр ё ноҳия гирифтани рӯйхати пурраи номбаноми тамоми нафақагирони маъюби шаҳр/ноҳия, ки бо муҳру имзо тасдиқ карда шудааст;

- ҷудо намудани рӯйхати нафақагирони маъюб аз рӯи бурриши ҷамоатҳо, маҳаллаҳо ва дигар воҳидҳои маъмурию ҳудудии марбут ба шаҳр/ноҳия. Ҳудуди ҳар як шаҳр/ноҳия ба қитъаҳои бақайдгирӣ бояд тақсим карда шавад;

- ба ҳар як қитъаи бақайдгирӣ (ҷамоат, шаҳрак, маҳаллаҳои аҳолинишин, микрорайонҳо ва дигар воҳидҳои маъмурию ҳудудии марбут ба шаҳр/ноҳия) вобаста кардани гурӯҳҳои сенафара (табиби оилавӣ, ҳамшираи тиббӣ ва раиси маҳалла) барои пур кардани саволномаҳо (варақа)-и бақайдгирии шахси маъюб (замимаи 1). Дар ҳар як участкаи бақайдгирӣ аз ҳисоби табибони ботаҷриба як нафар ҳамчун назоратчии гурӯҳ таъин карда шавад;

- муайян намудани як ҳуҷраи корӣ ва як шахси масъул барои пур кардани варақаҳои бақайдгирӣ нисбати он шахсони маъюбе, ки дар ҷои зисти расмиашон зиндагӣ намекунанд, аммо тавассути табибони оилавӣ ё кормандони РАСИН пайдо шудаанд. Шахсони мазкур барои пур кардани варақаҳо даъват карда мешаванд;

- муайян намудани меъёри самараноки сарборӣ ба ҳар як гурӯҳи сенафара, ки барои пур кардани варақаҳо сафарбар карда мешаванд;

- таъмини махфияти маълумотҳои дар варақаҳо дарҷ гардидаи маъюбон ва аъзои оилаи онҳо;

- ташкили корҳои фаҳмондадиҳию иттилоотӣ дар байни аҳолӣ дар бораи мақсаду вазифаҳои гузаронидани бақайдгирӣ ва зарурати он;

- санҷида баромадани тарзи дуруст пур кардани варақаҳои бақайдгирии маъюб ва тартиб додани ҷадвали маълумоти натиҷагирӣ аз рӯи маълумотҳои ҷамъоварӣ гардида нисбати индикаторҳои демографию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ оид ба маъюбон (тибқи замимаи 2);

- бо раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳр/ноҳия мувофиқа намудани натиҷаҳои бақайдгирии пурраи маъюбон аз рӯи маълумотҳои ҷамъоварӣ гардида нисбати индикаторҳои демографию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ оид ба маъюбон. Дар сурати норозигии РАСИН дар якҷоягӣ баррасӣ намудани мухолифати маълумотҳои варақаҳо бо Рӯйхати пешниҳодгардидаи РАСИН ва ҳаллу фасли объективонаи масъалаҳои бавуҷудомада ва ба имзо расонидани ҷадвали ниҳоӣ (замимаи 2);

- ба Гурӯҳи таҳлилию техникӣ оид ба ташаккул додани махзани электронии иттилоотии маъюбон дар назди Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ пешниҳод намудани варақаҳои пургардида ва санҷидашудаи бақайдгирии маъюбон барои коркарди минбаъда ва воридсозии маълумотҳои варақаҳо ба махзани ягонаи электронӣ.

8. Қайд кардани маълумотҳо (пур кардани саволҳои варақаи бақайдгирӣ) бо роҳи пурсиши бевоситаи шахси маъюб бо нишон додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти маъюб ва маълумотномаи силсиладори Хадамоти ташхиси тиббию иҷтимоӣ, ки ба маъюб дода мешавад, анҷом дода мешавад. Дар сурати дар суроғаи зисти расмиаш набудани шахси маъюб пур кардани варақа аз забони аъзои оилаи маъюб манъ аст.

9. Варақаи бақайдгирии маъюб бо хатти хоно ва айнан тибқи саволи дарҷгардида пур карда мешавад. Масалан, сатри “**Мавҷудияти воқеии шахси маъюб дар ҷои зист**” дар сурати мавҷуд набудани маъюб дар суроғаи нишондодашуда аломати “**Ҳаст**” хат зада, калимаи “нест” навишта мешавад.

Маъюбон аз рӯи суроғаи ҷои зисти расмиашон ба қайд гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, дар ҳамин сатр ибораи “**Дар дохили кишвар**” маънои онро дорад,

ки шахси маъюб дар суроғаи нишондодашуда расман зиндагӣ накарда, дар дигар минтақаи (шаҳр ё ноҳияи) ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунад ё кӯчида рафтааст.

Дар сатри “**Категорияи маъюбӣ**” фақат категорияи маъюбии шаҳрванд, яъне маъюбӣ дар натиҷаи бемории умумӣ, ё ҷанги Бузурги Ватанӣ, ё дар натиҷаи иштирок дар амалиётҳои ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо-ҷанговарони интернатсионалист, ё бартарафсозии оқибатҳои садамаи Неругоҳи барқи атомии Чернобил ё ҳимояи сохти конститутсионӣ ва ё бемориҳои касбӣ бояд нишон дода шавад. Дар ин сатр нишон додани диагнози беморие, ки сабаби маъюбӣ мебошад, манъ аст.

Диагнози беморие, ки сабаби маъюбии шаҳрванд мебошад, дар пушти варақаи бақайдгирӣ аз ҷониби шахси пурсишкунанда-табиби оилавӣ бо даст навишта мешавад.

10. Ҳангоми ба охир расидани пурсишҳо гурӯҳи сетарафаи пуркунандагони варақаи бақайдгирӣ дар ҷои дахлдори варақа имзо ва таърихи рӯзро мегузоранд ва бо муҳри худ онро тасдиқ мекунанд.

11. Аъзоёни комиссияи шаҳрию ноҳиявӣ ва гурӯҳи сенафараи масъули пур кардани варақаҳо вазифадоранд дар рафти пурсиш ва пуркунии варақаҳо бо шахсони маъюб ва аъзои оилаи онҳо бо меҳрубонӣ ва масъулити том муносибат карда ба дағалию табъиз роҳ надиҳанд. Риояи одоби муошират ва этикаи табибӣ ҳатмӣ мебошад.

12. Дар вақти маъракаи бақайдгирии пурраи маъюбон раваду ягон шахси маъюберо дучор оянд, ки дар Рӯйхати РАСИН дарҷ нагардидааст, аммо дар ҳудуди ноҳия/шаҳр воқеан ба таври расмӣ зиндагӣ мекунад, ба ин шахси маъюб низ варақа пур карда шуда, аммо ин варақаҳо дар алоҳидагӣ ба Гурӯҳи таҳлилию техникӣ оид ба ташаккул додани махзани электронии иттилоотии маъюбон дар назди Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ пешниҳод карда мешаванд.

13. Марказҳои саломатии шаҳрӣ/ ноҳиявӣ вазифадоранд, дар давоми гузаронидани маъракаи бақайдгирии пурраи маъюбон дафтарҳои (кортҳои) амбулатории маъюбонеро, ки дар ҳудуди маъмурии ҳамин шаҳр/ноҳия зиндагӣ мекунанд, ба тартиб дароварда, онҳоро тибқи қоидаҳои муқарраргардида нигоҳ доранд.

14. Маъюбоне, ки дар Рӯйхати РАСИН дарҷ гардидаанд, аммо дар вақти бақайдгирӣ маълум мешавад, ки барои будубоши доимӣ ба хона-интернатҳо ё мактаб-интернатҳо ҷойгир карда шудаанд, ва ё дар маҳбас қарор доранд, нисбати онҳо низ варақаи бақайдгирӣ пур карда мешавад, аммо чунин варақаҳо дар алоҳидагӣ ба Гурӯҳи таҳлилию техникӣ оид ба ташаккул додани махзани электронии иттилоотии маъюбон дар назди Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ пешниҳод карда мешаванд.

15. Комиссияи Маркази саломатии шаҳрӣ/ноҳиявӣ ҳар даҳ рӯз ва ҳар моҳ то ба анҷом расидани маъракаи бақайдгирии пурраи маъюбон оид ба натиҷаҳои миёндаврӣ маълумотномаи пешакӣ дар шакли ҷадвал (замимаи 2) ва то 30 апрели соли 2020 оид ба натиҷаҳои ниҳоӣ ба комиссияи вилоятӣ ва комиссияи ҷумҳуриявӣ маълумоти пурра пешниҳод мекунанд.

16. Дар сурати нофаҳмиҳо ва рух додани масъалаҳои баҳсталаб ва дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт роҳбарони шабакаи муассисаҳои кӯмаки

аввалияи тиббию санитарӣ ва дигар масъулони чорабиниҳо меавонанд ба Гурӯҳи таҳлилию техникӣ оид ба ташаккул додани махзани электронии иттилоотии маъюбон дар назди Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ (ё тариқи телефонҳои: 98-525-13-83; 90-000-04-54; 904-54-54-55) муроҷиат намоянд.

17. Вазифаҳои шахси барӯйхатгиранда (аз гурӯҳи сенафараи марказҳои саломатӣ) дар он аст, ки тамоми маъюбони ҷӣ дар руйхати РАСИН дарҷ гардида ва ҷӣ шахсони маъюбе, ки дар ҳудуди ноҳия/шаҳр ба таври доимӣ зиндагӣ мекунанд, аммо дар рӯйхати РАСИН дарҷ нагардидаанд, ба варақаҳои бақайдгирӣ фаро гирад, ва ҳамаи саволҳои дар варақа нишон додашударо ба таври возеҳ пур кунад.

18. Шахсони барӯйхатгиранда (гурӯҳҳои сенафараи марказҳои саломатӣ) ва шахси назоратчии гурӯҳи мазкур барои дурустии пур кардани варақаҳо, вайрону бекора накардани онҳо масъул мебошанд.

19. Шахсони барӯйхатгиранда (гурӯҳҳои сенафараи марказҳои саломатӣ) ва шахси назоратчии гурӯҳи мазкур ҳангоми дохил шудан ба манзили истиқомати шахси маъюб бояд ризоияти соҳибмулк ва шахси маъюбро дарёбад, ҳадафҳо ва зарурати гузаронидани бақайдгирии маъюбонро, ки дар бандҳои 1, 2 ва 3 ҳамин дастурамал баён гардидаанд, фаҳмонда, махфияти маълумотҳои гирифташударо кафолат диҳанд.

20. Гурӯҳи таҳлилию техникӣ оид ба ташаккул додани махзани электронии иттилоотии маъюбон дар назди Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ вазифадоранд, пеш аз оғози маъракаи бақайдгирии маъюбон дар сатҳи маҳалаҳо (шаҳру ноҳияҳо) чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ, семинарҳои омӯзишӣ оид ба тартиб, қоидаҳо ва ҳадафу мақсадҳои маъракаи мазкур анҷом дода, мунтазам ҷараёни гузаронидани онро назорат баранд.

21. Гурӯҳи таҳлилию техникӣ оид ба ташаккул додани махзани электронии иттилоотии маъюбони назди Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ, аз ҷумла кормандони масъули гурӯҳ, ки дар вилоятҳо таъин карда шудаанд, оид ба дурустии анҷом додану гузаронидани бақайдгирии маъюбон масъул буда, вазифадоранд, мунтазам ва ҳамарӯза бо комиссияи (гурӯҳҳои техникии) марказҳои саломатӣ ҳамкорӣ намуда, кӯмакҳои методию амалӣ расонанд.

## ГУРӮҲИ ТЕХНИКӢ ОИД БА ВОРИДСОЗИИ МАЪЛУМОТҲОИ ВАРАҚАҲОИ БАҚАЙДГИРИИ ШАХСОНИ МАЪЮБ БА МАХЗАНИ ЯГОНАИ ЭЛЕКТРОНИИ МАЪЮБОН

22. Вазифаҳои асосии гурӯҳ оид ба воридсозии маълумотҳо аз инҳо иборатанд:

- ворид намудани маълумотҳои маъюбон, ки дар варақаҳои бақайдгирӣ дарҷ гардидаанд, ба махзани ягонаи электронии маълумотҳо;
- бе хато ва иштибоҳҳои техникӣ ворид намудани маълумотҳо ба махзани ягона;
- иҷро кардани меъёри минималии муқарраргардидаи воридкунӣ, ба ҳисоби миёна дар як рӯзи корӣ 70 дона варақа;

- махфӣ нигоҳ доштан ва ошкор накардани маълумотҳои дар варақаҳо дарҷ гардида ва дигар амалиётҳои техникию оморӣ тибқи талаботи муқарраршуда, ки аз вазифаҳои аъзоёни гурӯҳ бармеоянд.

**Замимаи 2**
ба Дастурамали
тартиби гузаронидани
бақайдгирии пурраи маъюбон
дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ

## Ҷадвали нишондодҳои натиҷаҳои бақайдгирии пурраи маъюбон

**дар шаҳри/ноҳияи** ___________________________
ба ҳолати ___________________________________

| № | Нишондодҳо | Номи ҷамоат/шаҳрак ё маркази саломатӣ | | | | **Ҳамагӣ дар шаҳр/ноҳия** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| 1 | Шумораи маъюбон тибқи Рӯйхатҳои РАСИН | | | | | |
| 2 | Шумораи маъюбоне, ки дар суроғаи ҷои зисташон зиндагӣ намекунанд ва ҷои зисти онҳо маълум карда нашуд | | | | | |
| 3 | Шумораи маъюбоне, ки дар суроғаи ҷои зисташон нестанд ва дар дохили кишвар дар дигар ноҳия қарор доранд | | | | | |
| 4 | Шумораи маъюбони фавтида, ки дар Рӯйхати РАСИН дарҷ гардидаанд | | | | | |
| 5 | Шумораи маъюбоне, ки дар хориҷи кишвар қарор доранд | | | | | |
| 6 | Шумораи воқеии маъюбони нафақагир тибқи натиҷаҳои бақайдгирӣ пас аз таҳлили ҳамаҷониба ва мувофиқа бо РАСИН | | | | | |
| | Фарқият байни сатри 1 ва 6: | | | | | |
| 7 | Шумораи шаҳрвандоне, ки маъюбӣ доранд, аммо нафақаи маъюбӣ намегиранд | | | | | |
| 8 | Шумораи онҳое, ки маъюбиашон муваққатан боздошт гардидааст, аммо дар Рӯйхати РАСИН дарҷ карда шудаанд | | | | | |
| 9 | Шумораи маъюбоне, ки аз дигар шаҳру ноҳияҳо омадаанд, ба таври доимӣ зиндагӣ мекунанд, аммо дар Рӯйхати РАСИН нестанд | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 10 | Шумораи маъюбоне, ки дар хона-интернатҳо, мактаб-интернатҳо ва маҳбас мебошанд | | | | | |
| 11 | Дигар нишондод | | | | | |

Роҳбари шабакаи муассисаи КАТС ______________________________

имзо, ному насаб

Сардори Раёсати РАСИН ______________________________

имзо, ному насаб

ҷ.м.